**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор ______________Н. Ғаффорӣ**

**“___”____________2021**

# ХУЛОСАИ
## якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ

Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ҳамчун муаллими калон ва ба сифати унвонҷӯй дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият дорад.

Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич соли 2012 зинаи таҳсилоти бакалаврро бо ихтисоси таърих-ҳуқуқ ва соли 2014 зинаи таҳсилоти магистратураи факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айниро аз рӯи ихтисоси таърих хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Саидов Абдуқаҳҳор.

Диссертатсияи Ш. М. Ҷонмуродов «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзои кафедра, докторони илмҳои таърих, профессорон Ҳ. Пирумшо, А. Саидов, Ҳамза Камол, Ҳусайнов А, А. Ҳақназаров, дотсентон М. Фозилова; С.П. Сайнаков, М. Шарофова, Д. Негматов, М. Ганҷакова, Н. Зарифов ва дигар аъзоёни кафедра иштирок доштанд.

Аз муҳокимаи рисола дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 7 сентябри 2021, протоколи № 2 хулосаи зерин ҳосил гардид:

1. **Баҳо ба рисолаи унвонҷӯй**. Диссертатсияи мазкур ба таҳлили илмии ёддоштҳои Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бахшида шудааст, ки маъхази мазкур аз зумраи сафарномаҳои арзишманди таърихие мебошад, ки муаллифи он бо назари дақиқу тезбин бисёре аз дидаю шунидаҳояшро чи аз лиҳози иҷтимоӣ ва чи аз назари идориву сиёсӣ роҷеъ ба сарзамини густурдаи Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XV дарёфта ва навиштааст.

Муҳим будани мавзӯи мавриди таҳқиқ боз дар он собит мешавад, ки маводи бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводи теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

Муҳим будани мавзӯъ боз дар он дида мешавад, ки то ба ҳол ҳеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва таҳлили интиқодии рисолаи Клавихо дар таърихнигории Тоҷикистон аз вазоифи мубрам буда, барои ворид шудани далелҳо ва иттилооти нав аз ин рисола ба гардиши илмӣ, ки шароити бештари инъикоси ҳаводиси таърихиро ба миён меоварад, мусоидат менамояд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, кокарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**. Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои матраҳшаванда методҳои умумӣ ва махсуси бо меъёрҳои аёният ҷавобгӯ ва вобаста ба муқаррар кардани шабоҳат ва тафовути масоили таҳқиқ аз методи татбиқӣ (муқоисавӣ), ҳамчунин аз методҳои илмӣ-таърихӣ истифода гардидаанд.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ аз таҳқиқоти монографӣ, ёддоштҳои Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» истифода гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** аз анҷоми баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иборат аст. Дар ин иртибот ҳадафҳои зерини таҳқиқот муайян шудаанд:

- дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ мавриди баррасӣ қарор додани зиндагиномаи Клавихо;

- муайян намудани сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»;

- дарёфти маводҳои нави таърихии иртиботдошта ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV

ва оғози асри XV аз рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»;

- дар асоси баррасиҳои татбиқӣ муайян кардани дараҷаи дурустӣ ва саҳеҳии маводҳои таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола;

- ба гардиши илмӣ ворид сохтани маводҳои нави таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406».

**Навоварии илмии диссертатсия** дар таҳқиқи маҷмӯии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо ҷалби дигар манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад. Навоварии илмии диссертатсия ҳамчунин дар нукоти зерин баён мегардад:

- дар асоси маводи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва дигар асарҳои таърихӣ ва илмӣ зиндагиномаи Клавихо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

- сохтор ва муҳтавои бобҳои рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» таҳлил шудаанд;

- маводи нави таърихии иртиботдошта ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV аз рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» дарёфт гардиданд;

- дар асоси баррасиҳои татбиқӣ дараҷаи дурустӣ ва саҳеҳии маводи таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо дигар манобеи таърихии ҳамзамони ин рисола муайян шуданд;

- маводи нави таърихии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ба гардиши илмӣ ворид гардиданд.

**Моҳияти илмию назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории тоҷик рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» бо қиёси манобеи таърихии ҳамзамонаш ба таври маҷмӯӣ таҳлил мегардад. Натиҷаҳои

таҳқиқро метавон ба ҳангоми навиштани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба хусус охири асри XIV ва оғози асри XV истифода кард. Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд. Иловатан маводи диссертатсия дар ҳолатҳои зерин метавонад мавриди истифодаи зерин қарор гирад:

- ба ҳангоми таҳияи курси лексияи “Таърихи халқи тоҷик”;
- барои навиштани дастурҳои методӣ аз фанни “Манбаъшиносӣ”;
- барои навиштани гузоришҳои илмӣ ва корҳои дипломӣ дар факултетҳои таърих.

**Алоқамандии мавзӯи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос**. Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номазади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Рисола кори мукаммали анҷомёфтаи – илмӣ буда, натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмие, ки солҳои 2015-2020 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла панҷ мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд ва 1 монография ба нашр расидаанд. Дар монография ва мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо нишон дода шудаанд:

1. Ҷонмуродов Ш.М. Маълумоти Клавихо дар бораи баъзе шаҳрҳои Мовароуннаҳр / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. - №5 (66). Душанбе, 2015. С. 261–264.
2. Ҷонмуродов Ш.М. Тавсиф ва сохтори рисолаи Гонсалес де Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур”. // ДМТ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами Манбаъшиносии муосир”. Душанбе, 2016. С. 170-176.
3. Ҷонмуродов Ш.М. Тавсифи баъзе шаҳрҳои Хуросон дар китоби Руи Гонсалес де Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)” / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. -№4 (71). Душанбе, – 2017. С. 163–168.
4. Ҷонмуродов Ш.М. Ахбори Руй Гонсалес де Клавихо дар бораи Темурланг / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3/7. Қисми II маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума Душанбе, 2017. С. 37–41.
5. Ҷонмуродов Ш.М. Инъикоси шаҳрҳои Хуросон дар асари Руи Гонсалес де Клавихо // Масоили муҳими таърихнигории муосири тоҷик. Маводи конфронси илмӣ- назарявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ДМТ, 22 ноябри соли 2017. С.239-250.
6. Джонмуродов Ш.М. “Сведения о Руи Гонсалеса де Клавихо и ево сочинения “Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406” / Ҷонмуродов Ш.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. - №2 (85). Душанбе, 2020. С. 230–234.
7. Джонмуродов Ш.М. Руи Гонсалес де Клавихо и его сочинение «Дневник путеществия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406)». Душанбе, 2020.-100 с.

8. Ҷонмуродов Ш.М. Асари Клавихо “Рузномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)” ва тарҷумаҳои он / Саидов А., Ҷонмуродов Ш.М. // Муаррих. -№1. (25). Душанбе, 2021. –С. 70-76.
9. Джонмуродов Ш. М. Историко-географические сведения Руи Гонсалеса де Клавихо о городах Тебриза и Нишапура // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения», посвящённой Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (Часть II. Общественные и гуманитарные науки). Душанбе, 29 – 30 апреля: Филиал МГУ, 2022. С. 40 – 45.

Ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»– и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-гахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»– и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа 22 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -22 нафар; «зид» -нест; «бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд. Протоколи № 2 аз 7 сентябри соли 2021.

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент М. З. Фозилова

Мудири кафедраи таърихи умумӣ
ва муносибатҳои байналхалқии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент С. П. Сайнаков

Котиби ҷаласа Ш. М. Сидиқова

Имзои М. З. Фозилова, С.П. Сайнаков ва Ш.М. Сидиқоваро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Д. Қ. Назаров